**Хулосаи**

**комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-028–и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оид ба ҳимояи диссертатсияҳои номзадӣ ва докторӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01-забони тоҷикӣ, доир ба диссертатсияи:**

1. Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич-докторанти кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

2. Дараҷаи дарёфт - доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01-забони тоҷикӣ

3. Мавзӯъ: «Хусусиятҳои грамматикӣ ва маъноии ибораҳои феълӣ дар забони адабии тоҷик (дар асоси маводи осори мансури асрҳои XV- XVI)».

4. Диссертатсия дар кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст.

5. Мушовири илмӣ: доктори илмҳои филологӣ, узви вобастаи АМИТ, муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло.

Диссертатсияи Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич ба таҳқиқи «Хусусиятҳои грамматикӣ ва маъноии ибораҳои феълӣ дар забони адабии тоҷик (дар асоси маводи осори мансури асрҳои XV- XVI)» бахшида шудааст. Хусусияти грамматикӣ ва маъноии ибораҳои феълӣ дар забони адабии тоҷик аз масоили мубрам ва камомӯхташудаи илми забоншиносӣ буда, таҳқиқи он на танҳо ба омӯзиши ин ҷанбаи таърихии забон мусоидат мекунад, балки ба рушди минбаъдаи забоншиносии тоҷик ва ғановати забони адабӣ низ шароити мусоид фароҳам меорад.

Ҳадафи таҳқиқи диссертатсия пажӯҳиш ва мушаххас кардани хусусиятҳои грамматикӣ ва маъноии ибораҳои феълии забони адабии тоҷикӣ, ҳамчунин дақик намудани вижагиҳои таҳаввули сохтор ва корбурди ибораҳои феълӣ дар осори хаттии асрҳои XV-XV1 мебошад. Дар баробари ин, муҳаққиқ таҳқиқи таҳаввули ибораҳои феълии сарчашмаҳои хаттии ин давра, марҳилаҳои такмил ёфтан, таркиб

бастан ва рушди воситаҳои алоқаи байни ҷузъҳои асосӣ ва тобеи ибораҳои феълӣ, махсусан пешояндҳои аслӣ, номӣ, номии таркибӣ, номии изофӣ, пешоянду пасоянд, ҳамчунин, хусусиятҳои грамматикӣ ва маъноии ин воситаҳоро дар давраи мавриди пажӯҳиш яке аз ҳадафҳои муҳим қарор додааст. Ҳамзамон, дар ин таҳқиқот басомад ва дараҷаи истеъмоли ҳар яке аз воситаҳои алоқа муайян гардида, ба ин васила вижагиҳои услубии онҳо, ҳолати имрӯзаи истифода, суфта шудан ё аз истеъмол баромадани миқдори муайяни ин воситаҳои грамматикӣ дар доираи қолабҳои мустаъмали ибораҳои феълии давраи таърихӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Навоварии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки дар забоншиносии тоҷик вижагиҳои грамматикӣ ва тобишҳои маъноии ибораҳои феълӣ дар забони адабии тоҷик, аз ҷумла дар осори мансури асрҳои XV-XV1 бори нахуст мавриди баррасии системавӣ ва амиқ қарор дода мешавад. Дар диссертатсия, инчунин, дар пояи илми маъношиносӣ ба таври силсилавӣ омӯхтани тобишҳои маъноии феълҳо дар таркиби ибораҳои феълии забони адабии осори хаттии асрҳои XV-XV1 бори аввал аз нигоҳи илмӣ маънидод карда мешавад. Ҳамзамон, дар диссертатсия дар заминаи маводи сарчашмаҳои хаттӣ таърихи ташаккули ибораҳои феълӣ, рушду нумӯи воситаҳои алоқаи байни ҳиссаҳои таркиби ибораҳои феълӣ, бо ду воситаи грамматикӣ пайваст шудани ҷузъҳои ибора, муносибатҳои наҳвӣ, таркибҳои пешояндӣ, қолабҳои мустаъмали ин гуна ибораҳо ва муқоисаи онҳо бо забони адабии ҳозираи тоҷикӣ, хусусиятҳои услубии ибораҳои мазкур бо ибораҳои феълии забони ҳозираи тоҷикӣ, хусусиятҳои услубии ибораҳои феълӣ ва ҳолати имрӯзаи истифодаи онҳо, басомади пешоянду пасояндҳо чун воситаи алоқа ва дигар масоили марбут ба ибораҳои наҳвӣ баррасӣ шудаанд. Муҳаққиқ барои муқаррар намудани вижагиҳои грамматикӣ ва тобишҳои маъноии ибораҳои феълӣ, бавижа забони адабии тоҷик (асрҳои XV-XV1) нишона ва аломатҳои онҳоро хотиррасон намуда, ба андешаҳои баҳсноки чанде аз забоншиносон мутобиқ набудан андешаи худро баён менамояд. Инчунин, муҳаққиқ оид ба иштибоҳу ғалатҳое, ки дар баъзе пажӯҳишҳои ба ин соҳа бахшидашуда ҷой доштанд, андешаҳои ҷолиб баён кардааст.

Ба андешаи мо, гузориши масъалаи мавриди таҳқиқ, яъне таҳқиқи вижагиҳои дастурӣ ва маъноии ибораҳои феълии забони тоҷикӣ дар асоси маводи осори насрии асрҳои XV-XV1 аз дастовардҳои муҳимми соҳиби диссертатсия ба шумор меравад ва дар забоншиносии тоҷик як навъ ҷамъбасти вижагиҳои ибораҳои феълӣ махсуб ёфта, барои муҳаққиқони ояндаи ин соҳа ҳамчун роҳнамо хизмат хоҳад кард.

Аҳамияти дигари таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки диссертатсияи мазкур таҳқиқоти илмии бaанҷомрасида буда, ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ барои забоншиносии тоҷик, махсусан, дар соҳаи грамматика, кори таҳқиқотии нав ба ҳисоб меравад ва дастовардҳои илмии онро метавон барои корҳои илмии дигар, таълифи осору мақолаҳо, асарҳои монографӣ, навиштани китобҳо ва дастурҳои таълимӣ доир ба ибораи забони тоҷикӣ, хондани курсу семинарҳои махсус чун раҳнамо истифода кард. Натиҷаи илмию амалии тобишҳои маъноии ибораҳои феълии осори хаттии асрҳои XV-XV1 барои рушди бахшҳои гуногуни забоншиносӣ, аз ҷумла луғатшиносӣ, наҳвшиносӣ, услубшиносӣ, маданияти нутқ, таҳлили матни бадеӣ ва ҳангоми таълифи китобҳои дарсию воситаҳои таълимӣ ва тартиб додани фарҳангҳои тафсирӣ ва осори адибони давраи мазкур метавонад чун маводи назариявӣ ва амалӣ хизмат намояд. Инчунин, диссертатсия метавонад дар навиштани асарҳои илмӣ – тадқиқотӣ, дастуру воситаҳои таълимӣ мавриди истифода қарор бигирад.

Усули таҳқиқот дар асоси маводи осори мансури асрҳои XV-XV1 муайян карда шудааст. Барои таҳлили мавод дар диссертатсия методҳои маъмулу санҷидашудаи таҳқиқи забоншиносӣ, чун усулҳои муқоисавӣ, усули мушоҳидаю муқоиса, синхронию диахронӣ, шарҳу тафсир, усули муқоисавӣ-таҳлилӣ, семантикию услубӣ ва инчунин усулҳои таҳлилу таҷзияи умумии маводи таҳлилёбанда, таҳлили матнӣ ва шаклҳои ҳисоби басомади мисолҳо муносиб دониста шудааст.

Диссертатсияи таҳқиқотии Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич аз рӯйи мақсад ва муҳтаво ба ихтисоси 10.02.01.-Забони тоҷикӣ мувофиқ аст. Автореферат, ду монография бо номҳои “Ибораҳои феълӣ бо пешояндҳои аслӣ”

(дар заминаи маводи “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ) ва “Хусусиятҳои грамматикии ибораҳои феълӣ дар забони адабии тоҷик” (дар асоси маводи осори мансури асрҳои XV- XV1) ва 27 мақолаи муаллиф мухтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Аз шумораи мақолаҳои чопшуда 21-тои он дар маҷаллаҳои таъйиднамудаи КОА Федератсияи Россия ва КОА –и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидаанд:

[1-М]. Ғаффоров, А. О. Тадқиқи Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ дар забоншиносии тоҷик // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ.- Душанбе, №4 [47]. 2012. - С.129-131.

[2-М]. Ғаффоров, А. О. Ибора ва мавқеи он дар низоми синтаксис // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ.-Душанбе, №4 [47]. 2012.-С.265-267.

[3-М]. Ғаффоров, А. О. Мавқеи пешоянди “ба” дар ташаккули ибораҳои феълӣ [дар асоси маводи Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ] // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. –Душанбе, №5 [48]. 2012. - С.242-245.

[4-М]. Ғаффоров, А. О. Ибораҳои феълӣ бо пешояндҳои номии таркибӣ дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. -Душанбе, №2 [51]. 2013. -С. 276-280.

[5-М]. Ғаффоров, А. О. Алоқаи мувофиқати грамматикӣ ва баъзе хусусиятҳои он дар насри асри XVI // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.-Душанбе: Сино, 2013, №4/6 [122]. -С. 100-103. (ҳаммуаллифӣ).

[6-М]. Ғаффоров, А. О. Ифодаи муносибати макон бо пешоянди “аз” дар насри асри XV1 // Ахбори Академияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ.- Душанбе. №2 [234]. 2014.-С. 69-72. (ҳаммуаллифӣ).

[7-М]. Ғаффоров, А. О. Ибораҳои феълии муносибати масоҳавӣ дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ.- Душанбе.- №1 [56]. 2014. -С. 328-332.

[8-М]. Ғаффоров, А.О. Алоқаи калимаҳо ва ифодаи муносибати пуркунандагӣ бо пешоянди “ба” дар насри асри XVI //Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. –Душанбе, №1 [56-2]. 2014.-С. 363-366. (ҳаммуаллифӣ).

[9-М]. Ғаффоров, А. О. Ибораҳои феълии муносибати пуркунандагӣ бо пешоянди "бар" дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ.-Душанбе, -№3 [58-1 ]. 2014. -С. 338-341.

[10-М]. Ғаффоров, А. О. Алоқаи калимаҳо ва ифодаи муносибати ҳолӣ бо пешоянди "дар" дар насри асри XVI // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон -Душанбе, № 4/2 [133]. 2014. -С. 56-58.

[11-М]. Ғаффоров, А. О. Алоқаи калимаҳо бо пешояндҳои номӣ дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. -Душанбе.-№4 [59]. 2014.-С. 255-262.

[12-М]. Ғаффоров, А. О. Алоқаи калимаҳо бо пешояндҳои номӣ дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.-Душанбе: Сино, №4/1 [159]. 2015. - С.97-102. (ҳаммуаллифӣ).

[13-М]. Ғаффоров, А. О. Алоқаи калимаҳо ва тобишҳои маъноии феълҳо бо пасоянди "-ро" дар насри асри XVI // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, №1 [62-2]. 2015. - С. 317-319.

[14-М]. Ғаффоров, А. О. Ибораҳои феълӣ ва ифодаи тобишҳои маъной бо пешоянди "бо" дар насри асри XVI // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ.-Душанбе, №5 [66]. 2015.-С.110-112.

[15-М]. Ғаффоров, А. О. Ибораҳои феълӣ бо пешояндҳои "бо", "бе", "то" ва "барои" [аз барои] дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» -и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. -Душанбе, №6 [67]. 2015. - С. 122-124.

[16-М]. Ғаффоров, А. О. Хусусиятҳои грамматикӣ ва маъноии ибораҳои феълӣ дар насри асри XVI // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. -Душанбе, №3 [70]. 2017.- С. -80-83.

[17-М]. Ғаффоров, А. О. Тобишҳои маъноии феълҳо дар таркиби ибораҳои феълии алоқаи ҳамроҳӣ дар насри асри XVI // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. -Душанбе, №3 [70]. 2017. - С. 83-87. (ҳаммуаллифӣ).

[18-М]. Ғаффоров, А. О. Ифодаи муносибатҳои ҳолии макон бо пешояндҳои номӣ ва номии таркибӣ дар осори хаттии асри XV1 // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. -Душанбе, №1 [73]. 2018. - С. 74-77.

[19-М]. Ғаффоров А. О. Ибораҳои феълии муносибати ҳолӣ бо пешояндҳои аслӣ дар насри асрҳои XV-XV1 // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. -Душанбе, № 2 [79]. 2019. -С. 54-58.

[20-М]. Ғаффоров, А. О. Хусусиятҳои маънои ибораҳои феълӣ дар забони адабии тоҷик // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. -Душанбе, №4. [81]. 2019. -С. 11-15.

[21-М]. Ғаффоров, А. О. Ибораҳои феълии алоқаи ҳамроҳӣ дар забони насри асрҳои XV-XVI // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. -Душанбе, №1 [84]. 2020. - С.8-12. (ҳаммуаллифӣ).

Диссертатсияи Ғаффоров А. О, дар мавзӯи “Хусусиятҳои грамматикӣ ва маънои ибораҳои феълӣ дар забони адабии тоҷик” (дар асоси маводи осори мансури асрҳои XV- XVI) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01-Забони тоҷикӣ мувофиқ буда, шоистаи ба дифоъ пешниҳод кардан мебошад.

Аз шумораи умумии аъзои шӯро рамзи ихтисоси муҳаққиқони зерин бо рамзи ихтисоси диссертатсияи ҳимояшаванда мувофиқ аст:

-Раҳматуллозода С. Р.-доктори илмҳои филологӣ.

-Қосимов О. Ҳ.- доктори илмҳои филологӣ.

-Султонов М. Б.- доктори илмҳои филологӣ.

- Ҳомидов Д.-доктори илмҳои филологӣ,профессор;

-Мирбобоев А. - номзади илмҳои филологӣ, дотсент.

Комиссияи экспертӣ тавсия менамояд, ки ба сифати Муассисаи пешбар доир ба диссертатсияи Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич Донишгоҳи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода тавсия карда шавад. Ҳамзамон ба ҳайси муқарризони расмӣ – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев Офаридаев Назрӣ, доктори

илмҳои филологӣ, муовини якуми Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Саломиён Муҳаммаддовуд Қаюм ва доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забони тоҷикии МДТ-и “ДДХ” ба номи академик Б. Ғафуров, профессор Абдуҷамол Ҳасанзода таъин карда шаванд.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

Доктори илмҳои филологӣ: Қосимов О. Ҳ.

Доктори илмҳои филологӣ: Нозимов А.А.

Доктори илмҳои филологӣ: Ҳомидов Д.